ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ МУБОРАК, ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!



# ШИФО

№13 (13) 12.09.2018 | Нашрия аз феврали соли 2018 чоп мешавад | www.moh.tj | nashriyai.shifo@mail.ru

Нашрияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон



## ПАЁМИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ БА МУНОСИБАТИ 27-УМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

08.09.2018

Ҳамватанони азиз!

Дар остонаи бисту хафтумин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муқаддастарин ва бузургтарин ҷашни мардуми тамаддунсози тоҷик мебошад, кулли сокинони сарбаланди Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона табрик мегӯям.

Маҳз истиқлолият имконият фароҳам овард, ки мардуми Тоҷикистон тақдири худро ба даст гирифта, роҳи пешрафти минбаъда ва сарнавиштиояндаи сарзамини аҷдодии хешро мустақилона интихоб намоянд.

Ба ин маънӣ, истиқлолият неъмати бебаҳо, мояи ифтихор, манбаи худшиносӣ, сарчашмаи нерӯбахш ва омили бунёдии таҳкиму тақвияти пояҳои давлатдории миллии мо мебошад.

Мо ифтихор дорем, ки дар бисту хафт соли истиқлолият пойдевори давлатдории миллиамонро гузошта, барои таҳкими он бо заҳмати мардуми сарбаланди кишварамон корҳои бузургро ба анҷом расонидем ва имрӯз ба сӯи фардои осудаву обод устуворона қадам мегузорем.

Мардуми Тоҷикистон хуб дар ёд доранд, ки солҳои аввали истиқлолият кишвари азизи мо бар асари фитнаву дасисаи душманони миллат ва хоҷагони хориҷии онҳо ба зарбаи даҳшатноку ҳалокатборе гирифтор шуд.

Дар он айёми фоҷиабор аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба як воқеияти талхи рӯз табдил ёфта буд.

Вале хушбахтона, мардуми кишвар дар атрофи Ҳукумати қонунӣ ва фарзандони бонангу номуси худ муттаҳид шуда, ягона роҳи дурусти таърихӣ, яъне эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявиро пеш гирифтанд.

Ҳарчанд ки бисёр мушкилу тӯлонӣ буд, вале бо дастгириву пуштибонии самимонаи сокинон дар мамлакат оташи ҷанги таҳмилии бародаркуш хомӯш карда шуд, сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ барқарор, рамзҳои давлати соҳибистиқлол қабул гардиданд ва барои рушди ояндаи давлат, ташаккули ҳисси миллӣ ва худшиносиву худогоҳии мардум заминаҳои мусоид муҳайё карда шуданд.

Мо имрӯз бо

*Идома дар саҳ.2*

## Сухани Пешвои миллат

Ҳадафи стратегии давлату Ҳукумат дар соҳаи тандурустӣ бо роҳи ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим таъмин намудани солимии аҳолӣ, беҳтар гардонидани нишондиҳандаҳои дарозумрии инсон, паст намудани сатҳи беморӣ, маъюбӣ, фавти модару кӯдак, пешгирӣ кардани бемориҳои гуногуни сироятӣ, баланд бардоштани сифати кумаки тиббиву санитарӣ, назорати бехатарии маводи доруворӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳа мебошад.

## САМАРАҲОИ ИСТИҚЛОЛ ДАР СОҲАИ ТИБ

Истиқлолият шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибирададу соҳибэҳтиром аст. Истиқлолият рамзи саодати миллат ва давлати соҳибихтиёри миллӣ нишонаи пойдориву бақои он мебошад, зеро дар ҷаҳони пуртазоди муосир танҳо миллате соҳиби ному иззат шуда метавонад, ки истиқлоли воқеӣ ва давлати озоду мустақили хешро дошта бошад. Миллати сарбаланди тоҷик баъди гузашти ҳазор сол аз фурӯпошии давлати мутамарказу миллии худ – Сомониён ба эъмори давлати наве бо номи Тоҷикистон даст ёфт. Албатта дастёбӣ ба истиқлол ва ташкили давлати миллӣ садду мушкилоте дошт, ки фарзандони барӯманди миллат тавонистанд дар ҳамдастиву ҳамҷоӣ онҳоро бартараф

*Идома дар саҳ.6*

ИШТИРОК ДАР ТАҶЛИЛИ “РӮЗИ ДОНИШ”, ДАРСИ СУЛҲ ВА ОҒОЗИ СОЛИ НАВИ ТАҲСИЛ ДАР ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО
саҳ.2

ИФТИТОҲИ КОЛЛЕҶИ ТЕХНОЛОГӢ - ФАРМАСЕВТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НОҲИЯИ ЁВОН
саҳ.3

ТАКОНИ ТОЗА ДАР РУШДИ ГИЕҲДАРМОНӢ
саҳ.7

ГИЁҲДАРМОНӢ САВСАН
саҳ.8

# ПАЁМИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ БА МУНОСИБАТИ 27-УМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

*Идома аз саҳ.1*

қаноатмандӣ изҳор медорем, ки дар он айёми сангину ҳассос роҳи интихобкардаи халқи Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфт, зеро он роҳ ба сӯи пешрафт ва бунёди ҷомеаи мутамаддин буд.

Дар солҳои баъдӣ Тоҷикистони соҳибистиқлол бо қабули як қатор барномаҳои давлатӣ ва консепсияву стратегияҳои миллӣ ба шоҳроҳи рушди устувор ворид гардид.

Ҳамзамон бо ин, татбиқи ислоҳоти фарогир дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат, корҳои бунёдкориву созандагӣ, яъне сохтмону таҷдиди инфрасохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ, иншооти энергетикӣ, роҳу нақлиёт ва дигар иқдомоти созанда вусъат пайдо карданд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат тайи бисту ҳафт соли соҳибистиқлолӣ сатҳи камбизоатӣ аз 81 фоиз то 28 фоиз коҳиш ёфт ва мо тасмим гирифтаем, ки то соли 2030 сатҳи камбизоатии аҳолии кишварро ба 15 фоиз расонем.

Имрӯз мо дар доираи Барномаи миёнамӯҳлати рушди иқтисодиву иҷтимоӣ барои солҳои 2016–2020 ҷиҳати аз мамлакати аграриву саноатӣ ба кишвари саноативу аграрӣ табдил додани Тоҷикистон, яъне баланд бардоштани нақши саноат дар таъмини тараққиёти мамлакат заминаҳои заруриро фароҳам оварда истодаем.

Дар ин раванд, ҷиҳати ба кор андохтани иқтидорҳои нав, ба роҳ мондани истеҳсоли намудҳои нави маҳсулоти рақобатпазиру ивазкунандаи воридот, истифодаи самаранокии иқтидорҳои мавҷуда, тақвияти иқтидори содиротии кишвар ва ташкили ҷойҳои кории пурмаҳсул барои ҳамватанонамон ҳамаи тадбирҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд.

Ҳоло ба шарофати хизмати аҳлонаи халқи азизамон ва заҳмату талошҳои миллати шарафмандамон се ҳадафи стратегии миллии мо – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳой аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ ба марҳалаи ниҳоии худ наздик расидааст.

Барои кишвари соҳибистиқлоли мо соли 2018 дар самти сиёсати хориҷӣ соли таърихӣ мебошад.

Моҳи марти соли ҷорӣ татбиқи ташаббуси чоруми Тоҷикистон доир ба ҳалли яке аз мушкилоти ҷиддитарини башарият, яъне об тахти унвони "Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид расман оғоз гардид.

Яъне ибтикори кишвари мо дар давоми даҳ соли минбаъда дар миқёси сайёра амалӣ мешавад.

Ҳамчунин, моҳи марти соли равон сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Мирзиёев Шавкат Миромонович ба кишвари мо ва моҳи августи соли ҷорӣ сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардида, дар натиҷаи музокироти сатҳи олӣ тамоми мушкилоту масъалаҳои дар давоми беш аз ду даҳсола миёни ду кишвари ҳамсоя бавуҷудомада ҳаллу фасл ва бартараф гардиданд.

Имрӯз Тоҷикистону Ӯзбекистон на танҳо ҳамчун ҳамсояҳои наздиктарин бо ҳам ёру бародар, балки шарикони стратегӣ мебошанд, ки ин, албатта, мояи ифтихор аст.

Ҳамдиёрони арҷманд!

Таърихи башар собит намудааст, ки ҳифзи истиқлолияту озодӣ кори бисёр сангину душвор мебошад.

Аз ин лиҳоз, ҳар фарди бонангу номуси кишвар бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо расад ва барои ҳимояи ин дастоварди бузурги таърихӣ ҳамеша омода бошад.

Муҳимтарин вазифаи шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии ҳар як сокини мамлакат, бахусус, наврасону ҷавонон аз он иборат аст, ки Тоҷикистони азизамонро сидқан дӯст доранд ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

Раванди бисёр мураккабу пурпечутоби ҷаҳонишавӣ ва таҳдиду хатарҳои торафт афзояндаи замони муосир моро ҳушдор медиҳанд, ки нисбат ба ҳар вақти дигар ҳушёр бошем, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва давлати соҳибистиқлоли худро аз таъсири тазодҳои ҷаҳони имрӯза эмин нигоҳ дошта, ба хотири фардои ободу осуда саъю талоши бештар кунем.

Имрӯз ҳифзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва заҳмати содиқонаву софдилона барои рушди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва боловарии нуфузу обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ вазифаи ҳар шаҳрванди ватандӯст ва бонангу номуси кишвар мебошад, чунки ояндаи ободи сарзамини аҷдодиамон аз ин омилҳо вобастагии мустақим дорад.

Мо - хурду бузурги кишвар бояд ба хотири истиқболи арзандаи ҷашни сисолагии истиқлолияти Тоҷикистони маҳбубамон боз ҳам бештар заҳмат кашем, корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд кунем, иқтидори иқтисодӣ ва имкониятҳои содиротии мамлакатро тақвият бахшем, ҷойҳои нави кор муҳайё намоем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро мунтазам баланд бардорем, Ватани азизамонро то дурдасттарин гӯшаҳои он ободу пешрафта гардонем ва собит созем, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар ҷомеаи мутамаддини асри бисту як ҷойгоҳ ва мақоми шоистаи худро дорад.

Ман ба азму иродаи мардуми соҳибмаърифату тамаддунсози тоҷик ва ҳар фарди бонангу номуси миллат эътимоди комил дорам ва хуб медонам, ки онҳо барои таҳкими дастовардҳои истиқлолият, ҳимояи озодӣ, пешрафти давлат ва ободии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон минбаъд низ тамоми талошу кӯшиши худро сафарбар месозанд.

Бо изҳори ин ниятҳои нек бори дигар ҷашни фархундаи 27-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба кулли мардуми шарифи кишвар ва ҳамватанони бурунмарзӣ самимона табрик мегӯям.

Ба хурду бузурги Тоҷикистони соҳибистиқлол тандурустиву саодати рӯзгор ва ба кишвари маҳбубамон сулҳу суботи абадӣ, ваҳдати ҷовидонаи миллӣ ва пешрафту тараққиёти рӯзафзун орзу менамоям.

Ҷашни истиқлолу озодӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!

**www.president.tj**

# Иштирок дар таҷлили "Рӯзи дониш", дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино



1 сентябри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Синои пойтахт парда аз руйи муҷассамаи Абӯалӣ ибни Сино бардошта, дар таҷлили "Рӯзи дониш", дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино иштирок карданд.

Ёдовар мешавем, ки рӯзи 28 апрели соли 2017 Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди бинои нави марказӣ ва таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино санги асос гузошта буданд.

Тибқи лоиҳа шаҳраки нави Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон дар масоҳати наздики 11 гектар замин таҳия шудааст.

Дар асоси нақшаи кулл дар ҳудуди иншоот хонаҳои истиқоматии баландошёна барои омӯзгорон, биноҳои хобгоҳ барои донишҷӯён, толори варзишӣ, ҳавзи шиноварии пушида бо ҷойи нишасти тамошобинон, биноҳои озмоишгоҳҳо, ошхона, 3 адад бинои таълимии иловагӣ, майдони варзишӣ, бинои баландошёнаи маъмурию таълимӣ бо маҷлисгоҳ ва муҷассамаи шоиру олими барҷаста ва нобиғаи ҷаҳонӣ Абӯалӣ ибни Сино ҷойгир карда шудааст.

Агар ба таърихи таъсиси донишгоҳ ва рушди он дар даврони соҳибистиқлолӣ назар созем, ин даргоҳи илм ҳамчун яке аз бонуфузтарин муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳаи тандурустӣ дар кишвар, рушди илми тиб ва беҳтар намудани вазъи солимии ҷомеа, мақоми хоса дорад.

Соли 1939 Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба фаъолият оғоз карда, соли 1992 баъди соҳибистиқлол гардидан, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба донишгоҳ табдил дода шудааст.

Донишгоҳ 79 сол боз барои муассисаҳои тандурустии мамлакат мутахассис тайёр карда, пойгоҳи асосии таълимӣ, илмӣ-методии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Дар донишгоҳ 3 академик, 4 нафар узви вобастаи Академияи илмҳо ва илмҳои тиб, 83 нафар доктори илм, профессор, 229 нафар номзади илм, дотсентон ва 325 муаллими калон ва ассистентон фаъолият мекунанд. Донишгоҳ дар давраи фаъолияташ зиёда аз 42 ҳазор нафар табиб тайёр кардааст, аз ҷумла 1500 нафарашон шаҳрвандони хориҷӣ аз 36 давлати дунё мебошанд. Айни замон дар донишгоҳ 790 нафар муҳассилини хориҷӣ аз 13 мамлакат, аз қабили

**Идома дар саҳ.3**

**Идома аз саҳ.2**

Ҳиндустон, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Латвия, Озарбойҷон, Афғонистон, Яман, Дания ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка таҳсил доранд. Имсол бошад, тибқи квота донишҷӯён аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Дар 10 соли охир ба донишгоҳ 1445 нафар донишҷӯён тибқи квотаи Президентӣ қабул карда шудааст.

Дар донишгоҳ тибқи ихтисосҳои ҷойдошта 5 факултет - тиббӣ, педиатрӣ, стоматологӣ, нигоҳдории тандурустии ҷамъиятӣ, фармасевтӣ мавҷуд аст. Аз рӯйи 39 ихтисоси таҳсилоти баъдидипломӣ - таҳсил дар зинаи ихтисосгирии аввалия, магистратура, аспирантура, докторантура ва таҳсилоти иловагӣ ба роҳ монда шудааст.



Дар сохтори донишгоҳ ҳамчунин 10 шуъба, 11 марказ, 11 шуро ва 27 озмоишгоҳ бомуваффақият фаъолият карда истодааст. Дар сохтори донишгоҳ дар 10 соли охир 11 марказ, 5 шуъбаи алоҳида ва 1 озмоишгоҳ таъсис дода шудааст, ки самаранок гардидани раванди таҳсилот ва фаъолияти донишгоҳро таъмин менамоянд.

26 декабри соли 2007 дар натиҷаи сӯхтори шадид, масоҳати зиёда аз 9 ҳазор метри мураббаъи биноҳои марказии донишгоҳ пурра корношоям гардид. Бинои асосӣ бар асари ин ҳодиса валангор гардида, толорҳо ва синфхонаҳо вайрон шуданд.

Дар натиҷаи чораҳои фаврии андешидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар зарфи камтар аз 11 моҳ биноҳои донишгоҳ пурра барқарор ва аз пештара дида хеле ободу зебо ва бо таҷҳизот муҷаҳҳаз шудаанд.

Танҳо барои сохтмону барқарорсозии биноҳо бо супориши Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беш аз 14 миллион сомонӣ маблағҳои ҷумҳуриявӣ сарф шудааст.

25 ноябри соли 2008 бо иштироки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон биноҳои марказии донишгоҳ пас аз барқарорсозии баъдисӯхторӣ дубора ба истифода супурда шуд. Ҳамон рӯз баъди ба истифодадиҳии бинои навтаъмири Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Сарвари давлат бо шароити нави таълим дар донишгоҳ шинос шуда, бо устодону донишҷӯён мулоқоти самимӣ доир карданд.

Имрӯз баъди пардабардорӣ аз руи муҷассамаи Абӯалӣ ибни Сино Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун анъанаи нек дар таҷлили “Рӯзи дониш”, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил иштирок ва дар назди устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, аҳли зиёи кишвар ва кормандони соҳаҳои маорифу тандурустии ҷумҳурӣ бо нутқи пурмуҳтаво баромад карданд.

Баъди суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як гурӯҳ донишҷӯён ва устодон, аз ҷумла Маликабону Наимзода, Набиҷон Ҳамидов, Нуралӣ Зарифзода, Садирова Сабрина, Гулнора Ҳоҷиева ва Фуруғ Ҳайдарова суханронӣ карда, ба Сарвари давлат барои таъмини сулҳу субот, ваҳдати комил, якпорчагии кишвар, талошҳову тадбирҳо барои зиндагии шоистаи мардум, пешрафти илму маориф, рушди соҳаи тан-



дурустии мамлакат, изҳори сипос карданд.

Дар охир Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷорабиниро ба ифтихори “Рӯзи дониш”, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ҷамъбаст карда, оид ба ҳалли баъзе масъалаҳои муҳими ҷомеа андешаронӣ ва дар назди вазорату идораҳои дахлдор, инчунин аҳли ҷомеа вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Президенти мамлакат аз вазъи ногувори гирифторшавӣ ба нашъамандӣ ва афзоиши бемориҳои сироятӣ изҳори нигаронӣ карданд.

Таъкид гардид, ки бемориҳои сироятӣ ва нашъамандӣ яке аз мушкилоти замони муосир маҳсуб ёфта, дар қатори дигар касалиҳои ҷанбаи иҷтимоидошта на танҳо ба соҳаи тандурустӣ, балки ба иҷтимоиёту иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон хисорот ворид месозад.

Вобаста ба ин вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, кумитаҳои кор бо занон, ҷавонон ва варзиш, корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, рушди сайёҳӣ, Агентии маводи нашъаовар вазифадор карда шуданд, ки барои пешгирии ин бемориҳо, ки ба обрӯю эътибори мамлакат таъсир мерасонанд, чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Ҳамчунин Президенти мамлакат зимни баромади худ вобаста ба ҳолатҳои истифодаи ғайрисамараноки маблағҳои буҷетӣ дар як қатор муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, даст ба ҷиноят задани кормандони соҳа, Роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳамаи муассисаҳои тиббиро вазифадор карданд, ки барои решакан кардани чунин кирдорҳои номатлуб чораҳои қатъӣ андешанд.

Мавриди зикр аст, ки Рӯзи дониш ва дарси сулҳ тавассути ҳамаи шабакаҳои давлатии радио ва телевизион мустақиман пахш карда шуд ва тамоми мардуми кишвар имкон пайдо карданд, ки суханронии Пешвои миллатро дар як вақт бо иштирокчиёни мулоқот тамошо намоянд.

**www.president.tj**

# ИФТИТОҲИ КОЛЛЕҶИ ТЕХНОЛОГӢ - ФАРМАСЕВТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НОҲИЯИ ЁВОН



6 сентябри соли 2018 дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кӯчаи ба номи “Асадулло Ғуломов” - и шаҳраки Ёвон дар вазъияти тантанавӣ бинои Коллеҷи технологӣ-фармасевтии Тоҷикистонро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Иншооти муҳими соҳаҳои маорифу тандурустӣ аз ҷониби соҳибкори ватандӯст Акбар Ғуломов дар доираи дастгирии сиёсати созандаи роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо харҷи зиёда аз 23 миллион сомонӣ бунёд шудааст.

Коллеҷ аз ду бинои 5-ошёна иборат буда, дар он 60 синфхонаи таълимӣ, 8 утоқи корӣ барои омӯзгорон, 8 утоқи кории мудирони кафедра, 8 маҷлисгоҳи хурду калон, 6 озмоишгоҳ, 2 китобхона, ошхона, бойгонӣ ва майдончаи варзишии тобистонаю зимистона сохта шудаанд.

Айни ҳол қабули омӯзгорон ва донишҷӯён ба коллеҷ идома дорад. Дар ин ҷо 1440 нафар донишҷӯ ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуда, 70 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин мегарданд.



Мавриди зикр аст, ки соли 2016 дар доираи сафари кории Президенти мамлакат дар ноҳияи Ёвон ва зимни ба истифода супоридани корхонаи истеҳсоли гаҷкартон, бинобар сабаби зиёд шудани корхонаҳои азими саноатӣ зарурати бунёди Коллеҷи техникӣ-технологӣ пеш омад.

Ҳамон вақт Сарвари давлат соҳибкоронро ба бунёди коллеҷи муосир ва дар ин замина, тайёр кардани кадрҳои ба талаботи замон ҷавобгӯй барои корхонаҳои саноатии кишвар ҳидоят карда буданд.

Ҳамин тавр бо ҳидояти Пешвои миллат корҳои сохтмонӣ моҳи октябри соли 2016 оғоз гардида, августи соли 2018 анҷом ёфтанд.

Дар вақти бунёди коллеҷ аксари масолеҳи сохтмонӣ аз худи корхонаҳои саноатии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ғаюр” таъмин карда шуда, таҷҳизот ва лавозимоти таълимӣ барои муҷаҳҳазгардонии синфхонаҳо аз истеҳсолкунандагони ватанӣ харидорӣ гардидаанд.

Коргарони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ғаюр” нақша доранд, ки оянда барои мукаммал кардани пойгоҳи Коллеҷи техникӣ- фармасевтии Тоҷикистон дар шафати он бо бунёди коргоҳи замонавӣ техника ва таҷҳизоти дорусозӣ ворид намоянд.

Баъди ифтитоҳи Коллеҷи технологӣ-фармасевтии Тоҷикистон дар ноҳияи Ёвон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саҳни ҳавлии ин муассисаи таълимӣ бо устодону донишҷӯёни коллеҷ ва фаъолони ноҳия мулоқоти самимӣ доир карданд.

**www.president.tj**


ОДАФТ
-------- 150 --------
Флуконазол таблетки
Синтетическое противогрибковое средство из группы триазолов
Показания:
▷ Вагинальный кандидоз;
▷ Ротоглоточный и пищеводный кандидоз;
▷ Криптококковый менингит;
▷ Кандидозные инфекции мочевыводящих путей и перитонит;
▷ Системные кандидозные инфекции;
▷ Профилактика кандидоза у пациентов, получающих цитотоксическую и/ или лучевую терапию после трансплантации костного мозга.
1 таблетка
ОДАФТ
150
Флуконазол таблетки
ТОВАР СЕРТИФИЦИРОВАН


ВОЛШЕБНАЯ СИЛА ТРАВ
Устраняет кашель и боль в горле
Освежает полость рта
■ Без притовопоказаний
■ Не вызывает побочные эффекекты
100 мл
ТРАВИСИЛ™
Травяной сироп от кашля
Plethico
Pledged to Ethics
СПРАШИВАЙТЕ В АПТЕКАХ


НИМЕЗ™
Быстрое и безопасное действие при повышенной температуре и боли
• Ревматоидный артрит и остеоартрит;
• Воспаления мягких тканей;
• Лихорадка;
• Боль;
• Головная боль;
• Зубная боль.
1 x 10 таблеток
Нимесулид таблетки 100 мг
НИМЕЗ™
Быстрое и безопасное действие при повышенной температуре и боли
СПРАШИВАЙТЕ В АПТЕКАХ
Plethico
Pledged to Ethics


МЕТРОГИЛ ДЕНТА®
МЕТРОГИЛ ДЕНТА®
Показания к применению
Инфекционно-воспалительные заболевания пародонта и слизистой оболочки полости рта:
− острый и хронический гингивит;
− острый язвенно-некротический гингивит Венсана;
− острый и хронический пародонтит;
− юношеский пародонтит;
− пародонтоз, осложненный гингивитом;
− афтозный стоматит;
− хейлит;
− воспаление слизистой оболочки полости рта при ношении протезов;
− постэкстракционный альвеолит;
− периодонтит, периодонтальный абсцесс
ТОВАР СЕРТИФИЦИРОВАН

# ПАРДИФЕН
## АКТИВ ГЕЛЬ

3% ДИКЛОФЕНАК




*Живи без боли!*

# *Живи без боли!*

Дом, работа, семья - все в нашей жизни держится на женщинах. Приготовить, убрать, позаботиться о муже и детях, а еще не забыть и о служебных обязанностях... Со всем справиться, все успеть! Представьте, какой груз забот достается каждый день нашей спине, шее, суставам и мышцам! Не удивительно, что к концу дня все тело «ломит», «тянет» и «ноет» - а то и вовсе «отваливается»!

Как же оставаться активной и энергичной, когда на твоем пути появляется боль? Как позаботиться о себе, если опять «свело», «защемило», «продуло», если вдруг «ударились» или «подвернули»? Современный ответ боли и воспалению - **Пардифен актив гель**, надежное и проверенное средство. **Пардифен актив гель** помогает снять боль и уменьшает воспаление, в отличие от некоторых традиционных средств, которые только «отвлекают» от боли, создавая иллюзию облегчения. **Пардифен актив гель** действует местно преимущественно на пораженный участок, практически не влияя на организм в целом - а значит, он не раздражает пищеварительный тракт и не нагружает печень. В составе препарата нет гормональных компонентов и его можно применять еще до консультации с врачом.

**Пардифен актив гель** выручает вас дома, на работе, в поездке или в гостях. Он легко наносится, не вызывая жжения и не раздражает кожу, не пачкает одежду, имеет приятный запах - и не требует наложения громоздких повязок или компрессов.

**Позаботьтесь о наличии Пардифен актив гель в вашей аптечке. Пардифен актив гель - ваш надежный помощник, правильный выбор для вас и вашей семьи!**

Если вы чувствуете боль, значит, организм посылает сигнал SOS. Ведь он возникает под действием особых веществ, в частности, простагландинов, которые вырабатываются в месте повреждений и травм. Чем больше этих веществ, тем сильнее боль, воспаление, отек - и тем труднее нам делать вид, что ничего не случилось и все «само пройдет». Нужно средство, способное остановить выработку веществ, вызывающих боль (простагландинов). Таким препаратом является **Пардифен актив гель**. Позаботьтесь о том, чтобы он всегда был у вас под рукой.

# Рецепты здоровья

**БОЛЬ** - это сигнальная функция организма, оповещающая человека о каких-то неполадках его тела. **БОЛЬ**, психофизиологическая реакция организма, возникающая при сильном раздражении чувствительных нервных окончаний, заложенных в органах и тканях. Один из наиболее ранних симптомов некоторых заболеваний.

## Чтобы суставы не болели

**ДВОЙНЫЕ МАХИ**



**И.п. (исходное положение).** Встаньте ровно, держитесь левой рукой за спинку стула. Правая - на поясе. Согните правую ногу в колене под углом 90°. На выдохе отведите согнутую ногу вправо вверх, на вдохе отпустите вниз. На выдохе отведите ее назад вверх и на вдохе вернитесь в и. п. **Повторите 8-12раз.** Выполните упражнение левой ногой.

**УГОЛОК**



**И.п.** Встаньте ровно, держитесь левой рукой за спинку стула. Поднимите правую ногу, согнутую в колене по углом 90°, придерживайте ее рукой для фиксации колена в одной точке. На выдохе плавно разогните ногу в колене и на вдохе медленно верните ее в и. п. **Повторите 8-12 раз.** Затем продолжите упражнение левой ногой.

**ЦАПЛЯ**



**И.п.** Встаньте ровно, держитесь левой рукой за спинку стула, Правая - на поясе. Поставьте правую ногу на носок накрест через левую. На выдохе, сгибая и разворачивая правое колено, подтяните ступню вверх. На вдохе вернитесь в и.п. **Повторите 8-12раз.** Затем - то же левой ногой.
**Усложняем.** Во время подъема ноги можно слегка надавливать рукой на внутреннюю часть бедра.

**ПРУЖИНА**



**И.п.** Встаньте ровно , держитесь левой рукой за спинку стула. Правая - на поясе. Ноги на ширине таза. На выдохе чуть присядьте, не отрывая пяток от пола. Спину держите ровно. На выдохе отведите правую ногу в сторону, не смещая таза. **Повторите 8-12раз.** Затем продолжите упражнение с левой ноги.
**УСЛОЖНЕНИЕ.** Можно надеть на щиколотку специальное утяжеление (0,5-2кг.).




**Вас беспокоят?**

- Боли в суставах
- Боли в мышцах
- Боли в пояснице и позвоночнике
- Боли при растяжениях и травмах

# ПАРДИФЕН
## АКТИВ ГЕЛЬ

3% ДИКЛОФЕНАК

# САМАРАҲОИ ИСТИҚЛОЛ ДАР СОҲАИ ТИБ

*Идома аз саҳ.1*

намоянд ва номи тоҷикро бори дигар дар фазои ҷаҳон тани-нандоз гардонанд.

Дар охири солҳои 80-уми садаи XX дар бисёре аз кишварҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ раванди истиқлолхоҳӣ ба вуҷуд омад ва ин ҷараён бо фурӯпошии иттиҳод ва мустақилияти давлатҳои узв ба поён расид. 24 августи соли 1990 дар Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, бори аввал "Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ" (ИҶШС) қабул шуда, аммо ин санад истиқлолияти комили мамлакатро пурра таъмин карда наметавонист. Бино бар ин, баъди як соли ин рухдод, яъне 9 сентябри соли 1991 вакилони Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум ҳуҷҷати "Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро қабул намуданд. Ҳамин санади таърихӣ қонунан Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба аҳли башар эълон кард.

Мавриди зикр аст, ки шӯрбахтона Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти худ дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории нав, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иҷтимоии кишвар бо мушкилоту монеаҳои сангин рӯбарӯ гардид. Дар ин давра, албатта, дастоварди бузургтарини мо барқарор намудани сулҳу суботи комил ва пойдории ваҳдати миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки маҳз ба шарофати хиради азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик муяссар гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ҳамеша дар баромаду суханрониҳояшон истиқлолиятро бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди миллати тоҷик номида, мардумро барои ҳифзу нигаҳдории он чун гавҳараки чашм роҳнамоӣ намуда, онро тантанаи адолати таърих ва ба силсилаи давлатдориҳои чандинҳазорсолаи ниёгонамон пайвастани ойини давлатдории навини миллиамон унвон мекунанд: -"Маҳз истиқлолият ба мо имконияти таърихие фароҳам овард, ки Ватани худро соҳибӣ кунем, давлатдории миллии худро барпо намоем, суннату арзишҳои миллиамонро эҳё созем, ормонҳои деринаи халқамонро амалӣ гардонем ва зиндагии озодонаи мардумамонро ба роҳ монем". Дар ҷойи дигар таъкид намуда, мефармоянд: -"Дар натиҷа мо дар зарфи беш аз ду даҳсолаи гузашта ба як силсила дастовардҳои бунёдие ноил гардидем, ки сарнавишти минбаъдаи давлати соҳибистиқлоламон ба онҳо вобастагии мустақим дорад. Муҳимтарин дастоварди мо дар ин давра таъмини сулҳу оромӣ, аз хатари нобудӣ наҷот додани давлатдории миллиамон ва аз парокандагӣ раҳо бахшидани миллатамон мебошад".

Бо дарки амиқи масъалаи сулҳу субот дар кишвар ва расидан ба қадри озодиву истиқлол Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мудом ба ин мавзӯъ рӯй оварда, таъкид мекунанд: -"Дар айни замон, итминони комил дорам, ки мардуми сарбаланду бонангу бономус, ватандӯсту ватанпарвар ва соҳибтамаддуни тоҷик бо дарки қадру қимат ва арзиши таърихии истиқлолият ва дастовардҳои бузурги ин давра сиёсати давлату Ҳукумати мамлакатро минбаъд низ самимона ва ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд. Зеро мо ҳанӯз дар зиндагии ҷомеа ва давлатамон мушкилоти зиёд дорем. Вале дар айни замон итминони комил ва азму иродаи қавӣ дорем, ки ҳамаи мушкилоти мавҷударо бо дастгирии мардуми заҳматкашу таҳаммулгароямон, бо заҳмати аҳлонаву софдилона бартараф месозем ва нақшаву ниятҳои созандаамонро ба хотири ободии сарзамини аҷдодӣ ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон амалӣ мегардонем».

Аз ҳамин ҷост, ки бо касби истиқлолият дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат гузаронидани ислоҳоти ҷиддиву муосир оғоз гардид. Дар ин раванд, албатта, соҳаи тиббу ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ истисно набуд. Дар даврони истиқлолият аз ҷониби Ҳукумати кишвар як қатор қонунҳои соҳаи тибро таҳия ва тасдиқ гардиданд, ки дар онҳо барои рушди соҳаи тандурустӣ заминаи меъёрии ҳуқуқии муосир фароҳам оварда, вазифа ва уҳдадориҳои кормандони соҳа, муассисаҳои табобативу пешгирикунанда ва дигар сохторҳои хизматрасонӣ дар ин самт муайян ва мушаххас гардидаанд. Аз ҷумла соли гузашта Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он 16 қонуни соҳавӣ муттаҳид карда шудааст.

Барои боз ҳам бо сурати бештар рушд намудани тиб давлату Ҳукумати мамлакат маблағузории соҳаи тандурустиро сол ба сол зиёд мекунад. Аз ин ҷост, ки дар муддати бисту ҳафт сол маблағгузории соҳа қариб 1600 баробар афзоиш ёфта, аз як миллион сомонии соли 1992 ба 1 миллиарду 550 миллион сомонӣ дар соли 2018 расидааст. Музди меҳнати кормандони соҳа низ нисбат ба солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ 315 баробар афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон тавассути 95 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба соҳаи тандурустӣ, дар маҷмӯъ, беш аз як миллиарду 800 миллион сомонӣ равона гардидааст.

Дар даврони истиқлолият, дар маҷмӯъ, зиёда аз 1500 муассисаи тандурустӣ бунёд ва бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин гардида, аз ҷумла фақат дар панҷ соли охир беш аз 120 беморхона, 210 маркази саломатӣ, 80 дармонгоҳ, 250 бунгоҳи тиббӣ ва 56 корхонаву коргоҳҳои соҳа сохта, ба истифода супорида шудаанд.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронияшон дар вохӯрӣ бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ва кормандони соҳаи тандурустӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил ишора намуданд, дар назар аст, ки дар се соли минбаъда, яъне то ҷашни сисолагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз зиёда аз 1000 муассисаи тиббии нав – марказу бунгоҳҳои саломатӣ, беморхонаҳо, таваллудхонаҳо барои 10-15 кат, марказҳои ташхис, утоқҳои муҷаҳҳаз барои хатна бунёд ва бо таҷҳизоту лавозимоти муосири тиббӣ таъмин гардонида, ба истифодаи сокинони шаҳру ноҳияҳои кишвар супорида шаванд.



Танҳо дар зарфи якуним сол, яъне дар соли 2017 ва шаш моҳи соли ҷорӣ дар маркази вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо 24 беморхонаву марказҳои саломатӣ ва 78 бунгоҳи тиббӣ ба фаъолият оғоз кардаанд, ки ҳамаи онҳо бо таҷҳизоту технологияҳои муосир муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Таъсис ёфтани чунин муассисаҳои тиббӣ имкон дод, ки дар кишвар як қатор амалҳои муосири ҷарроҳиву табобат гузаронида шаванд ва шумораи шахсоне, ки барои ҷарроҳӣ ба хориҷи кишвар меравند, кам гардад.

Ба шарофати истиқлолу ваҳдат ва сулҳу осоиштагӣ дар кишвар ҳоло қариб 1300 озмоишгоҳ дар сохтори дармонгоҳу беморхонаҳо ва 116 озмоишгоҳи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фаъолият мекунад, ки вазифаи онҳо бо истифода аз технологияҳои муосир ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ташхис ва муайян кардани бемориҳо мебошад.

Ҳукумати мамлакат барои рушди соҳаи тандурустӣ ва боз ҳам беҳтар гардонидани сифати хизматрасонии тиббӣ дар баробари дастгирии муассисаҳои тиббиву беморхонаҳои давлатӣ барои рушди муассисаҳои тибби хусусӣ низ ҳамаи заминаҳои зарурирo фароҳам овардааст. Самараи ин тадбиру ғамхориҳост, ки ҳоло дар кишвар 681 муассисаи хусусии тиббӣ, аз ҷумла 382 муассиса бо мақоми шахси ҳуқуқӣ ва 55 филиал, инчунин, 301 муассисаи марбут ба шахсони воқеӣ фаъолият мекунад. Қобили таъкид аст, ки баъзе муассисаҳои тибби хусусӣ солҳои охир сатҳу сифати хизматрасониро ба мардум хеле беҳтар ба роҳ мондаанд. Ҳамчунин, якчанд корхонаҳои муштарак бо ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ таъсис ёфтаанд, ки онҳо низ ба аҳолии мамлакат хизмат мерасонанд.

Тавре Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд – солимии миллат боигарии давлат аст. Ҳукумати кишвар ба сиҳатии сокинон аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир намуда, дар ин самт чораву тадбирҳои мушаххас андешидааст. Бо дарназардошти ин ки бештари кӯдакони маъюб аз никоҳи хешутаборӣ ба дунё меоянд, дар мамлакат қонунҳои марбута қабул гардида, никоҳи хешовандони наздик манъ гардид, зеро тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар як сол 1300-1400 нафар кӯдакони маъюб ба қайд гирифта мешаванд, ки 55-60 фоизи онҳо дар натиҷаи никоҳи хешутаборӣи наздик ба дунё омадаанд.

Қобили дастгириву хушҳолист, ки тибқи супориши Ҳукумати мамлакат дар муассисаҳои тиббӣ ҳуҷраҳои махсус барои хатна ва ҳуҷраҳои модару кӯдак таъсис дода шуда, айни ҳол ба таври ройгон фаъолият карда истодаанд. Ахиран Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки дар кишвар фаъолияти устоҳо ё табибони хатнакунанда пурра қатъ карда, амалиёти хатна танҳо дар муассисаҳои тиббӣ ва тавассути ҷарроҳони касбӣ анҷом дода шавад. Ҳадаф аз роҳандозии ин қоида аз сирояти ҳар гуна бемориҳо эмин нигоҳ доштани кӯдакон ва ҳифзи саломативу вазъи рӯҳии онҳо мебошад, ки хеле муҳиму сариваќтӣ арзёбӣ мешавад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ рушди илми тиб низ вусъати тоза гирифт. Бо ин мақсад дар сохтори Вазорати тандурустӣ Академияи илмҳои тиб таъсис дода шуд, ки ҳоло самаранок фаъолият намуда истодааст. Ҳоло дар соҳаи тиб 16 муассисаи илмӣ амал менамояд, ки аз ин шумора 11 муассиса дар даврони соҳибистиқлолӣ таъсис ёфтааст. Дар ин марказҳои илмӣ олимону донишмандони ботаҷриба кору фаъолият доранд ва дар аксари онҳо шӯроҳои илмӣ таъсис ёфта, масъалаҳои муҳимми илми тибро баррасӣ мекунанд. Мавриди зикр аст, ки бо таъсис ёфтани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло дар муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар 40 шӯрои диссертатсионӣ ташкил гардидааст, ки аз онҳо 4 шӯро ба соҳаи тандурустӣ алоқаманд мебошад.

Бояд гуфт, ки як мақола тавони ғунҷоиши тамоми дастовардҳои соҳаи тиб дар замони истиқлолро надорад ва бо овардани ҳамин чанд далел иктифо мекунем. Бешубҳа, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз пеш саъю талош намуда истодааст, то сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ дар кишвар боло рафта, сокинон аз гирифторӣ ба ҳар гуна бемориҳо эмин бимонанд. Роҳандозии корвонҳои саломатӣ дар саросари мамлакат, коҳиши сатҳи мубталошавии аҳолӣ ба бемориҳои сироятӣ, бо кадрҳои баландихтисос ва таҷҳизоти тиббии муосир таъмин гардидани муассисаҳои тандурустии кишвар ва дигар дастовардҳои назаррас метавонанд далелҳои муътамади гуфтаҳои боло бошанд. Бо истифода аз фурсати муносиб ҷашни истиқлолро ба тамоми ҳамватанон шодбош мегӯем ва барояшон тандурустиву хонаободӣ орзу мекунем!

**"ШИФО"**

# ТАКОНИ ТОЗА ДАР РУШДИ ГИЁҲДАРМОНӢ

*Санаи 1 сентябри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Синои пойтахт парда аз рӯйи муҷассамаи Абуалӣ ибни Сино бардошта, дар таҷлили "Рӯзи дониш", дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино иштироку суханронӣ карданд. Нуктаҳои асосии суханронӣ ба рушди маорифу тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нигаронида шуда буданд. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ бори дигар ба масъалаи гиёҳдармонӣ ва дорусозӣ аз гиёҳҳои шифоӣ рӯй оварда, аз ҷумла ибroз доштанд: -"**Ҳарчанд ки мо аз гиёҳҳои шифобахши баъзе намудҳои доруворипо омода карда истодаем, вале имконоту захираҳои Тоҷикистон, ки дар ҳудуди он зиёда аз 3500 навъи гиёҳҳои шифоӣ мавҷуданд, ҳоло ҳам самарабахш истифода нашуда истодаанд.**"*

*Ҳамзамон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи содироти гиёҳҳои шифобахши кишвар ба хориҷаро ба миён гузошта, аз вазорату идораҳои дахлдор тақозо намуданд, ки дар баробари истеҳсоли доруҳо аз гиёҳҳои шифобахш ҳамчунин содироти онҳо ба давлатҳои дигар ба роҳ монда шавад: -"**Дар баъзе беморхонаҳо ва осоишгоҳҳо табобат бо усули гиёҳдармонӣ ба роҳ монда нашудааст, ҳол он ки ҳамаи навъҳои набототи мо ба табобат мусоидат карда, қисме аз онҳо аз ҷониби соҳибкорон ба хориҷа бароварда мешавад. Аз ин рӯ, вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки якҷо бо соҳибкорони ватанӣ ва бо ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ҷиҳати таъсиси корхонаҳои дорусозӣ, истеҳсоли доруворӣ аз гиёҳҳои шифобахши кишвар ва рушди саноати дорусозӣ чораҷӯӣ карда, барои зиёд намудани номгӯи доруворӣ ва маводи бастабандӣ тадбирҳои ҷиддиро амалӣ намоянд.**"*

*Дар партави ин суханронии пурмуҳтавои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суҳбате доштем бо гиёҳпизишк ва дорусоз, мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ Саидҷон Саидшарипов, ки ҳоло ба хонандагони арҷманд пешниҳод менамоем.*




**Устоди азиз, сараввал мехостем дар бораи таъриху хусусиятҳои гиёҳдармонӣ ва пайванди он бо мардуми тоҷик як каме маълумот медодед.**

Мардуми тоҷик аз замонҳои қадим бо гиёҳдармонӣ алоқамандии зич доштанд, зеро фарзандони фарзонаи миллати тоҷик, ба монанди Абуалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Абумансури Муваффақ, Ҳаким Майсарӣ ва дигарон бо рӯзгору осори пурбаҳои худ пойдевори соҳаи тибро гузошта, асоси рушди гиёҳдармониро ба вуҷуд овардаанд. Шоҳасарҳои ин бузургон, аз ҷумла "Ал-Қонун фит-тиб"-и Ибни Сино, "Донишнома"-и Ҳаким Майсарӣ, "Гиёҳнома"-и Абумансури Муваффақ, "Тиб"-и Юсуф Ҳусайни Шерозӣ илми тибро ба пояи баланд расонида, то имрӯз китоби рӯимизии донишмандони соҳа дар тамоми ҷаҳон аст. "Ал-Қонун фит-тиб"-и Абуалӣ Синоро, ки имрӯзҳо нусхаи асли он дар яке аз осорхонаҳои шаҳри Лондон нигаҳдорӣ мешавад, метавон яке аз китобҳои гаронарзиштарини соҳаи гиёҳдармонӣ донист. Дар қисми дуюми ин асар, Сино, дар бораи 810 маводи доруӣ маълумот додааст, ки аз 376-тои онҳо маводи доруии гиёҳӣ мебошанд ва ҳамзамон фармудааст, ин гиёҳҳоро метавон аз минтақаҳои кӯҳистон пайдо намуд. Шояд дақиқан на, аммо тахминан мешавад гуфт, ки манзури Абуалӣ ибни Сино аз кӯҳистон ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон буд, зеро дақиқан кишвари мо кӯҳистон асту ҳамаи он гиёҳҳои доруӣ дар ин ҷо мерӯянд. Воқеан, хоки ҳосилхез, обу ҳавои мусоид, шароити хуби ҷуғрофию антропогении Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки ҳама гуна гулу гиёҳҳои шифобахш дар ин сарзамин дар беҳтарин шакл нашъунамо ёбанд.

**Тавре ҳамагон огоҳем, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 1 сентябри соли равон зимни суханронии худ дар таҷлили "Рӯзи дониш", дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино масъалаи рушду такомули гиёҳдармониву дорусозиро ба миён гузошта, бори дигар таваҷҷуҳи хоссаи худро нисбати ин соҳаҳо изҳор доштанд. Назару таассуроти Шумо ҳамчун гиёҳпизишку дорусоз ба ин руҳдод чӣ гуна аст?**

Таваҷҷуҳи махсуси Пешвои муаззами миллат ба соҳаи кору фаъолияти мо хеле хушҳолкунанда буд ва муддаои дили мо буд гӯем ҳам, хато намекунем, зеро имрӯз борҳо мушоҳида кардаем, ба ҳар коре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иродаву таваҷҷуҳ кардаанд, он дар як замони кӯтоҳ муваффақона рушд намудааст. Бовар дорам, ки соҳаи гиёҳдармониву дорусозӣ низ баъд аз дастуру раҳнамоиҳо ба як соҳаи пешрафтаву самарабахши кишвар табдил меёбад. Албатта, рушди гиёҳдармонӣ метавонад ба ҳама соҳаҳо таъсири мусбӣ гузорад. Бо роҳандозии истеҳсоли доруворӣ аз гиёҳҳои шифобахш ва ё содироти гиёҳҳо нахуст соҳаи тиб дар кишвар боз чанд қадам пеш меравад, зеро гиёҳдоруҳо маводи асил буда, дар табобат нисбат ба доруҳои кимиёӣ таъсироти беҳтар доранд. Ҳамзамон, инкишофи бахши гиёҳдармонӣ ва дорусозӣ ба иқтисоди давлату миллат судманд аст, зеро дар сурати мавҷудияти гиёҳдоруҳои дастраси ватанӣ дигар мардуми кишвар маҷбур намешаванд, ки барои муолиҷа аз доруҳои гаронарзиши хориҷӣ харидорӣ намоянд.

Имрӯзҳо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми муассисаҳои тиббии кишвар гӯшаҳои гиёҳдармонӣ ва утоқҳои гиёҳпизишкӣ ифтитоҳ намудааст, ки дар онҳо беморон бо гулу гиёҳҳои ватанӣ табобат карда мешаванд, яъне метавон гуфт, гиёҳдармонӣ дар раванди ташаккули тарзи ҳаёти солим хеле хуб мавриди истифода қарор гирифта истодааст.

Бо истифода аз фанноварихои навин гиёҳдармониро метавон ба яке аз соҳаҳои сердаромад табдил дод. Бар ин назарам, ки агар гиёҳдоруҳои мо дар қолабҳои муосир бандубаст гарданд, шаклҳои мухталифи онҳо, монанди ғилофакҳо, кулчадоруҳо, малҳамҳо сохта шаванд, харидори худро пайдо мекунанд ва ман ҳамчун табиби гиёҳдармон бовар дорам, ки гиёҳи Тоҷикистон ба кулли сокинони сайёра шифо мебахшад.

**Шумо ки мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ ҳастед, дар мавриди ҷиҳату ҷанбаҳои илмии гиёҳдармонӣ ва омӯзиши онҳо чӣ андеша доред?**

Маркази мо танҳо машғули табобати шаҳрвандон бо усулҳои гиёҳдармонӣ набуда, балки фаъолиятҳои илмӣ низ дорад. Дар марказ курсҳои гиёҳдармонӣ ба роҳ монда шудааст, ки табибони халқӣ аз ҳар гӯшаи кишвар омада, дар ин ҷо дарс мехонанд. Дарсҳо аз рӯйи нақшаи таълимии таҳиякардаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати маориф ва илм гузаронида мешаванд. Мутахассисон омода шуда истодаанд.

**Дар анҷоми суҳбат мехоҳем андешаҳоятонро дар мавриди мушкилоти бахши гиёҳдармонӣ ва ҳамзамон пешниҳодҳоятонро барои рушди соҳа иброз намоед.**

Албатта, ҳеҷ кор бидуни камбуду душворӣ намешавад ва соҳаи фаъолияти мо низ истисно нест. Мушкили аввали бахши гиёҳдармонӣ ин набудани мутахассисон аст, яъне мутахассисон хеле каманд. Бар ин андешаам, ки бо такя ба асарҳои илмии олимони бузург, мисли "Ал-Қонун фит-тиб"-и Абуалӣ Синову дигарон ё худ асарҳои пурғановати олимони муосири тоҷик, монанди академик Юсуф Нуралиевич, Ҷаҳони Азонзод ё устод Ҳоҷиматов, ки дар пешрафти гиёҳдармонӣ саҳми босазое гузоштаанд ва барои ин бахши тиб дастурҳои илмиву дастурамалҳои методии лозима таълиф намудаанд, метавон дарсҳои вижаи гиёҳдармониро дар тамоми муассисаҳои таълимии тиббии кишвар роҳандозӣ намуд. Масалан ин гуна дарсҳо дар маркази мо ба роҳ монда шудаанд, ки аллакай самараҳои хуб медиҳанд. Ҳамзамон метавон ба ин дарсҳо табибони халқии ҳозиқро, ки шуморашон хеле кам аст, ҷалб намуда, аз илму таҷрибаи бойи онҳо истифода кард ва бад-ин васила мутахассис омода намуда, бахши гиёҳдармониро дар кишвар рушд дод. Итминон дорам, ки бо роҳандозии дурусти таълими гиёҳдармонӣ на танҳо ин бахш, балки бахшҳои дорусозиву хизматрасонии тиббӣ низ беҳтар гардида, аз миллати фарзонаи тоҷик боз Синову Розиву Майсариҳои дигар сар боло мекунанд.

Инчунин зикр кардан бамаврид аст, ки тибби халқиву тибби касбӣ бояд дар алоқамандии зич қарор дошта бошанд, аз таҷрибаву усулҳои табобати якдигар васеъ истифода баранд, зеро мақсади асосии ҳар дуи инҳо як аст – хизмат расонидан ба мардум.

**Барои чунин як суҳбати судманд сипосгузорем, устоди азиз!**

Тансиҳату сарбаланд бошед!

**Эҳсон ТУРСУНОВ**



# САВСАН

Савсан (ба лотинӣ - Iris), ки ба забони русӣ “ирис” номида мешавад, растании дорои намудҳои гуногун аст: гулаш сафед, бунафш ва зард, ки ба ҳама маълум аст — даштӣ (кӯҳӣ) ва бӯстонӣ мебошад.

Мизоҷаш дар дараҷаи аввал гарм ва дар тариву хушкӣ муътадил аст. Ба қавли баъзе аз донишмандони гиёҳшиносӣ мизоҷи сафеди бӯстониаш дар дараҷаи дувум гарм ва хушк аст ва бархе табибон дар савум гуфтаанд, аммо мизоҷи кӯҳии он назар ба бӯстониаш гармтар ва хушктар мебошад.

Хислатҳои шифобахши он: ошомидани он бемориҳои шуш, дардҳои гуногуни сипурз, ҷигар ва бачадонро шифо мебахшад; барои бавосир (геморрой) ва ханозер дору мешавад, беҷо ва бисёр равон шудани ҳайзро манъ мекунад, захмҳоро ба ҳам меоварад ва римашонро ҳам нест мегардонад. Вале ин гиёҳро ҳангоми истеъмол ба дарун бо асал, ки афзояндаи қувваи он аст, бояд биёшоманд.

Решаи инро кӯфта, бо асал хамир сохта бимоланд, доғи сафеди пӯст ва песро ба муддати шаш моҳ дафъ мекунад; захми решгашта ва решҳои тарро шифо мебахшад.

Бо оби ҳар як қисми ин растанӣ рӯйро бишӯянд, доғи кунҷитакро дафъ мекунад. Як миқдор оби решаи савсан, панҷяки вазни он сирко ва асал гирифта, дар зарфи мис то ғафс гаштанаш бИҷӯшонанд, ин бисёр поккунандаи доғҳо ва бидуни дард хушккунанда мебошад, ба ҷароҳати атрофи мушакҳо гузошта банданд, шифо мебахшад.

Равғани савсани бунафшро ба қадри 25 грамм биёшоманд ва аз рӯ низ бимоланд, барои иловуси сафровӣ, ки варами дарди рӯдаҳои борик аз зиёд гаштани сафро мебошад, бемориҳои бачадон, афтодани бача аз шиками занони ҳомила, дарди рӯдаҳо ва дардҳои дигари асабонӣ дармон мешавад.

Агар 50 грамм решаи савсанро дар 3 литр об 20 дақиқа ҷӯшонида, ҳар рӯз аз он об 100 грамм бинӯшанд, низ бемориҳои номбурдаро даво мешавад.

Ин равғанро бардавом бимоланд ва ба 38 грамм аз он биёшоманд, моддаҳои нодаркор ва зарарнокро ба воситаи исҳол аз бадан дафъ мекунад, бар зидди кашнизи кӯҳии девонакунанда, инчунин занбӯруғи захрнок тарёк мебошад. Ин равғанро бимоланд, асабҳо ва сахтиҳоро мулоим мекунад ва бачадони берун баромадаро ба ҷояш мебарад.

Тарзи тайёр кардани равғани савсан чунин аст. Решаи хушки савсани бунафшро як миқдор гирифта (аз тараш ду баробар), дар ҳован мекӯбанд.

Баъд дар хашт баробар вазни он оби борон ё оби муқаттар як шабонарӯз тар карда, пасон хуб мемоланду дар зарфи сирандуд (эмалированный) то чоряки об мондан меҷӯшонанд ва аз матои бофташ зич мегузаронанду обашро мегиранд.

Ин оби софро дар зарфи покиза рехта, аз болояш ду баробари он равғани зайтун андохта, бо оташи мулоим то тамоман бухор шуда рафтани об меҷӯшонанд. Эҳтиёт кунанд, ки равған доғ нагардад. Аломати батамом бухор гаштани об аз ҷӯшиш мондани равған аст. Ҳамин равған равғани савсан ҳисоб меёбад. Агар тухми савсанро бихӯранд, зарари газидани ҷонварони захрнокро дафъ мекунад.

Решаашро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад, инчунин, ин обро дар гӯш чаконанд, дарди онро сокин мегардонад. Латтаеро дар ин об тар карда, ба ҷойҳои дигари аъзо, ки дард мекарда бошад, гузошта банданд, низ шифо мебахшад. Он обро, ки дар он решаи савсан ҷӯшонида шуда бошад, бинӯшанд, зеҳнро тез мекунад; зиқу-н-нафас ва нафаси ростаро, ки бемораш хобида ё дароз кашида нафас гирифта наметавонад, шифо мебахшад; дардҳои ҳалқум, шахшӯлӣ ва сахтии сипурзро дафъ мекунад. Агар ин обро бо шаҳдоб (асалоб) бинӯшанд, зардобро аз бадан хориҷ месозад, истисқоро шифо мебахшад, хичакро аз рутубатҳои часпак пок мекунад ва ташнагиро таскин медиҳад.

Решаи инро бихоянд, бӯи аракро, ки нӯшида бошанд, аз даҳан нест мекунад. Баргашро кӯфта гузошта банданд, бар зидди газидани ҷонварони захрнок даво мебошад ва аз оби гармсӯхтаро ҳамон дам ба ибро меоварад.

Равғанеро, ки аз решаи ин тайёр карда шуда бошад, дар гӯш нимгарм чаконанд, дарди гӯшро сиҳат мебахшад.

Решаи хушки онро маҳин кӯфта бипошанд, нохунаки чашм ва гӯшти зоиди дар пилкҳои чашм пайдошударо дафъ мекунад.

Решаашро дар равғани гули сурх ҷӯшонида, он равғанро бимоланд, сӯхтагии оташро шифо мебахшад. Ва агар ин равғанро бихӯранд, бемориҳои бачадонро сиҳат мекунад.

Ин решаро бо сирко дар зарфи мис ҷӯшонида бимоланд, захмҳои кӯҳна ва ҷароҳатҳоро шифо мебахшад.

Гулашро бибӯянд, дил ва майнаро қувват мебахшад, хушҳолӣ меоварад, бодҳои майнаро пароканда месозад, дар ин бобат аз заъфарон қавитар аст. Инак, барои иллати беҳушавӣ беҳтар аз заъфарон аст.

Шароби савсан барои газидагии ҳамаи ҷонварони захрнок даво мешавад.

Синфе аз савсан, ки дар соя ҳам мерӯяд ва гулаш зарди майдатар аст, решааш ба андозаи ғафсии ангушт мебошад, хушбӯй, бо каме талхӣ дар таъм, ки ин аз савсанҳои сафед ва кабуд қавитар мебошад, вале заифтар аз савсани кӯҳист. Мизоҷи гулаш гармтар аз ҳамаи қисмҳои дигари он мебошад.

Решаи инро бихоянд ё онро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад.

Барг ва гулашро кӯфта гузошта банданд, ҷароҳатҳоро сиҳат мегардонад. Барг ё решаи онро пухта, бо шароб хамир сохта гузошта банданд, варамҳои балғамиро таҳлил медиҳад, инчунин варамҳои напазандаро, ки тоҷикон кӯряра меноманд, мепазонад, шифо мебахшад.

**“ШИФО”**

Ҳайати эҷодии ҳафтономаи "ШИФО" 27-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба табибони кишвар ва дар симои онон ба тамоми мардуми шарафманди тоҷик таҳният гуфта, ба ҳамагон саодати рӯзгору саломатии пойдор таманно менамояд. Ҷашни истиқлол муборак, ҳамдиёрони азиз!




*Муассис: Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

ШИФО

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**Олимзода Насим Хоҷа** - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
**Умарзода Саида Ғайрат** - муовини якуми вазир
**Одиназода Азиз Абдусаттор** - муовини вазир
**Камолзода Мирҳамуддин** - муовини вазир
**Содиқова Дилором Нуруллоевна** - ёрдамчии вазир
**Бекмуродзода Султон Бекмурод** - сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
**Холзода Абдулҳаким Қувват** - директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
**Фазила Яфталиева** - директори Маркази матбуоти вазорат

**Сармуҳаррир**
**Эҳсон Турсунов**

**Котиби масъул, тарроҳ:**
**Компони Абдуназар**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

**Суғдмеҳри Маъруфзод**
**Зайнаб Анварӣ**
**Иброҳим Ятимов**
**Суратгир: Айём Ҳусейнов**

Ҳафтанома таҳти №058/РЗ-97 аз 20 – уми феврали соли 2018 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

- Барои риояи гуногунандешӣ матолибе низ ба табъ мерасанд, ки мухолифи дидгоҳи ҳайати эҷодист. Дурустии далелу рақамҳо бар дӯши муаллифон аст.
- Дар ҳафтанома аз маводҳову матолиби интернет низ истифода мегарданд.
- Маводҳо дар шакли электронӣ, бо ҳуруфи Times New Roman, андозаи 14 қабул карда мешаванд.

Ҳафтанома дар ЧДММ "Мега - принт" ба табъ расид.
Теъдоди нашр
5000 нусха

**Нишонӣ:**
**734025, ш.Душанбе, кӯч. Шевченко 69, тел.: 44-600-60-02**